# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ҚАРОРИ
## РАИСИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ

аз «18» декабри соли 2018, №802

**Дар бораи қатъ гардонидани ҳуқуқи истифодаи замин ва додани иҷозат ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авитсенна» барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаҳои онҳо ва биноҳои нави таълимии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 барои 720 хонанда дар як баст, Коллеҷи хореографии ба номи М.Собирова барои 140 хонанда, Муассисаи давлатии коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов барои 320 хонанда дар заминаи биноҳои ҷамъиятӣ ва манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар ҳудуди кӯчаҳои С.Айнӣ, Академик Адҳамов, Мирзо Ризо, Раҳим Ҷалил, гузаргоҳҳои 1, 2 кӯчаи Н. Муҳаммад, ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе**

Бо мақсади амалисозии Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни муаррифии лоиҳаи биноҳои баландошёнаи кӯчаи С. Айнӣ ва гузоштани санги асоси сохтмони муассисаҳои таълимии пойтахт 9 ноябри соли 2018 баён доштанд, мурочиати Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авитсенна»-ро аз 24 ноябри соли 2018, №44-2556 оид ба додани иҷозат барои сохтмони биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ, дар заминаи иншоотҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ, биноҳои мавҷудаи истиқоматии бисёрҳуҷрадор ва манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар кӯчаҳои Айнӣ, Академик Адҳамов, Мирзо Ризо, Раҳим Ҷалил, гузаргоҳҳои 1, 2 кӯчаи Н.Муҳаммад ва сохтмони биноҳои таълимии нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, Коллеҷи хореографии ба номи М.Собирова, Муассисаи давлатии коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов дар заминаи манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар кӯчаи Мирзо Ризои ноҳияи

Шоҳмансури шаҳри Душанбе баррасӣ намуда, бо инобати мактуби Корхонаи давлатии фаръии «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе аз 28 ноябри соли 2018, №3076, мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», моддаи 17 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 14 Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҚАРОР МЕКУНАМ:

1. Ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Авитсенна» ҳуқуқ ба бартарафсозии биноҳои Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15, коллеҷи хореографии ба номи М.Собирова, Муассисаи давлатии коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов, воқеъ дар кӯчаи С.Айнӣ №№47, 49, 51, бинои истиқоматии бисёрҳуҷрадори 3-ошёна, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ №53, бинои 2-ошёнаи бисёрҳуҷрадор, воқеъ дар гузаргоҳи 2 кӯчаи Н.Муҳаммад №4, хонаи истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ №51/1, бинои партияи геологии иктишофи Мурғоб, воқеъ дар кӯчаи Айнӣ №51 «а», дӯкони таъмири пойафзол, воқеъ дар кӯчаи М.Собирова №4/3, манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар кӯчаи М.Собирова №3, 5, 7, 9/1, 11/2, 13, 15, 17, 19, 21, 23, 25, 27, 29, 31/5, 4/3, 20/1, кӯчаи Р.Ҷалил №№1, 3/5, 5/4, 7, 9, 11, 13, 15, 17, 19, 21, 23, 23 «а», 25, 11/27, 9/30, 4, 6, 8, 10/3, 12/4 «а», 14, 16, 18 «а», 18, 20, 22, 22/2, 24, 26, 28, хонаҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар 1 гузарғоҳи кӯчаи Н.Муҳаммад №№6, 6 «а», 6 «б», 7, гузаргоҳи 2 кӯчаи Н.Муҳаммад №7, мактаби варзишии «Ҳосилот», воқеъ дар 2 гузаргоҳи кӯчаи Н.Муҳаммад №13, манзилҳои истиқоматии шахсӣ, воқеъ дар кӯчаи М.Ризо №№4, 6, 8, 8 «а», 9/10, 14, 16, 16 «а», 18, 20, 22, 24, 26, 26/2, 28, 30/15, таваққуфгоҳ, воқеъ дар кӯчаи Академик Адҳамов ва дар заминаи онҳо иҷозат барои сохтмони биноҳои нави Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 барои 720 хонанда дар як баст, Коллеҷи хореографии ба номи М.Собирова барои 140 хонанда, Муассисаи давлатии коллеҷи санъати ба номи А.Бобоқулов барои 320 хонанда, биноҳои баландошёнаи истиқоматии блокҳои А, Б, В, Г, Д, Е, Ж, И, К, Л, М, Н, О, П, Р, С бо ҷойгиронии марказҳои савдову хизматрасонӣ дар ошёнаҳои аввал, таваққуфгоҳи наклиёти автомобилӣ дар таҳхонаи онҳо ва бунёди инфрасохтори иҷтимоию муҳандисӣ дар қитъаи замини масоҳати умумии 5,8 (панҷу аз даҳ ҳашт) га бо дақиқ намудани масоҳати зери сохтмони бинову иншоот тибқи лоиҳа дода шавад.

2. Ҳуқуқи заминистифодабарандагон дар ҳудуди кӯчаҳои зикргардида қатъ гардонида шавад.